Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

19 ноябри соли 2025
Чоршанбе
№ 93
(15208)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## АҲАМИЯТИ ТАВСЕАИ МИНБАЪДАИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ БО БРО ТАЪКИД ГАРДИД

***18 ноябр Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати намояндагонро таҳти сарварии Президенти Бонки рушди Осиё Масато Кандо қабул кард.***



Дар оғози мулоқот роҳбари БРО сарвари давлати моро ба муносибати 30-солагии шарикии стратегӣ ва гузаштани раёсати Шўрои мудирони бонк дар солҳои 2025–2026 ба Ўзбекистон табрик кард.

Дар мулоқот масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи ҳамкории фарогир дар доираи барномаи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат баррасӣ гардиданд.

Ба сатҳи баланд расидани ҳамкорӣ бо қаноатмандӣ таъкид шуд. Ўзбекистон бузургтарин ҳамкори бонк дар минтақа боқӣ мемонад – ҳаҷми умумии лоиҳаҳои муштарак аз 15 миллиард доллар афзуд. Инчунин, дар самтҳои энергетикаи «сабз», нақлиёт, трансформатсияи рақамӣ, таълим ва дигар ҷанбаҳо лоиҳаҳо ба маблағи беш аз 3 миллиард доллар татҳия мешаванд. Механизмҳои маблағгузории ғайрисуверенӣ фаъол татбиқ мегарданд.

Ба ҷараёни омодагӣ ба ҷамъомади солонаи Шўрои мудирони БРО, ки моҳи майи соли 2026 дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, диққати махсус дода шуд.

Президенти Ўзбекистон ташаббуси таваҷҷўҳ намудан ба масъалаҳои имзои Барномаи тавсеаи шарикии стратегӣ бо БРО, рушди инфрасохтор дар он, омодасозии кадрҳои техникӣ ва муҳандисӣ, омўхтани касбу ҳунар ба зану духтарон ва ҷавонон, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, рушди бозори ипотека ва бахши хусусиро дар доираи ин чорабинӣ пешбарӣ кард.

Таъкид гардид, ки иштироки фаъолонаи бонк дар дастгирии ташаббусҳои бузурги миллӣ ва минтақавӣ, инчунин, пешбурди лоиҳаҳои нақлиёт, энергетика ва тиҷорат дар минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим аст.

Президенти БРО Масато Кандо натиҷаҳои навгониҳои васеъмиқёсро дар мамлакати мо баланд арзёбӣ кард ва омодагии худро барои кўмакрасонии ҳамаҷониба ҷиҳати татбиқи барномаи ислоҳоте, ки дар Ўзбекистони Нав хусусияти бозгаштнопазир гирифтааст, иброз дошт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ВАЗИФА ВА НАҚШАҲО ДАР СОҲАИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ МУАРРИФӢ ШУДАНД

***Ба Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи масъалаҳои такмил додани низоми муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва роҳандозии равандҳои муҳоҷират дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ маълумот дода шуд.***

Солҳои охир ба туфайли корҳои сохторие, ки дар мамлакат ҷиҳати фиристодани муназзами шаҳрвандон ба хориҷа барои кор амалӣ мешаванд, бозори меҳнат гуногунранг шуда, шаҳрвандон асосан барои кор дар ҷойҳои сердаромад ба хориҷа мераванд. Дар натиҷа, гарчанд шумораи шаҳрвандоне, ки дар хориҷа кор мекунанд, нисбат ба соли 2016 кам шудааст, маблағҳои фиристодаи онҳо тибқи анҷоми даҳ моҳи аввали соли 2025 аз 3,8 миллиард доллар ба 15,8 миллиард доллар афзудааст.

Дар тақдимот зикр гардид, ки дар бозори меҳнати хориҷӣ талабот ба мутахассисони соҳибихтисос зиёд аст. Ҳоло барои 140 ҳазор мутахассис фармоишҳо мавҷуданд, аммо бобати тайёр кардани мутахассисоне, ки ба талаботи забон ва тахассуси касбӣ ҷавобгў ҳастанд, корҳои зиёд бояд анҷом дода шаванд. Ғайр аз ин, аз сабаби парокандагии хадамоти муҳоҷирати меҳнатӣ, одамон бо мушкилот рў ба рў мешаванд.

Бо ҳамин мақсад вазифа гузошта шуд, ки хизматрасониҳоро дар соҳа ба тартиб дароварда, ҳамаи равандҳо дар асоси тамоюли «равзанаи ягона» ба ҳам оварда шаванд.

Дар ноҳияи Учтеппаи шаҳри Тошканд «Маркази омўзишӣ барои кор дар хориҷа» ва дар шаҳри Тирмиз маркази «Хидматҳои ягонаи муҳоҷират» таъсис дода мешавад.

Дар ноҳияи Яшнободи пойтахт бошад, дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалӣ мактабҳо барои таълими забонҳои олмонӣ ва ҷопонӣ кушода мешаванд. Таъкид гардид, ки солҳои охир ҷараёни муҳоҷират ба мамлакатҳои Аврупо 4 баробар афзоиш ёфтааст. Аҳамияти тақвияти ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандоне, ки дар он ҷо кор мекунанд, қайд карда шуд. Ҳоло бо як қатор давлатҳои Аврупо созишномаҳо оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд надоранд. Аз ҷониби Президент супориш шуд, ки корҳоро ҷиҳати имзои ҳуҷҷатҳои байниҳукуматӣ суръат бахшанд.

Инчунин, зиёд кардани шумораи атташеҳои муҳоҷират ва намояндагиҳои Агентии муҳоҷирати меҳнатии назди Девони Вазирон дар давлатҳои хориҷӣ ва кушодани дафтарҳои сайёри марказҳои раводид дар минтақаҳои кишварамон ба нақша гирифта шудааст.

Дар тақдимот инчунин масъалаи рақамикунонии хидматҳои муҳоҷират баррасӣ шуд.

Платформаи «Кор дар хориҷа» 25 намуди хизматрасониро пешниҳод мекунад ва аз аввали соли ҷорӣ 524 ҳазор шаҳрванд аз хидматрасониҳои онлайн истифода кардаанд. Аммо на ҳамаи хидматҳо рақамӣ карда шудаанд.

Президент зарурати такмили минбаъдаи равандҳои хидматрасониро тавассути ҷорӣ кардани технологияҳои зеҳни сунъӣ дар система қайд кард. Дар бораи нақшаҳо бобати ҷорӣ намудани индентификатсияи биометрӣ, мушоҳидаи ҷойҳои корӣ дар хориҷа бо режими вақти воқеӣ ва роҳандозии хидмати маслиҳати фосилавӣ барои шаҳрвандон дар ин платформа маълумот дода шуд. Пешниҳод гардид, ки дар Агентии муҳоҷират як маркази вазъиятӣ таъсис дода шавад, ки ба шаҳрвандон кумаки фаврии шабонарўзӣ мерасонад.

Дар муаррифӣ зикр гардид, ки бобати пешниҳоди хидматрасонии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва машваратӣ шумораи ҳолатҳои қаллобӣ меафзояд. Аз ин рў, бо мақсади баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, пешниҳод карда шуд, ки дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ киоскҳои иттилоотии интерактивии муҳоҷират гузошта шаванд ва миқдори ҷарима барои ташкилотҳои машваратие, ки бе иҷозатнома фаъолият мекунанд, зиёд карда шавад. Дастур дода шуд, ки масъалаи муайян кардани ҷавобгарӣ барои ташкил ва мусоидат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Кодекси ҷиноятӣ омўхта шавад.

Сарвари давлат пешниҳодҳои тақдимшударо тасдиқ кард ва аз рўйи боз ҳам мусоид, бехатар ва шаффоф кардани равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба мутасаддиён дастурҳои иловагӣ дод.

**ЎзА.**

*Муносибат*

## ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ЭҲЁИ НАВ ДАР ФАЗОИ ДЎСТӢ ВА ЭЪТИМОД

***Гоҳо дар таърих воқеоте рух медиҳанд, ки бо тақозои он миллатҳо худро дубора кашф менамоянд. Дар чунин лаҳзаҳо марзу бум на ҳамчун хатҳои ҷудокунанда, балки ҳамонанди пулҳои васлкунанда хидмат хоҳанд кард. Қавмҳое, ки арзиш ва фарҳангу тамаддуни муштарак доранд, ҳамчун хешу табори наздик, кишварҳои ҳамсоя бошанд, шабеҳи шарикони боэътимод амал мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки имрўзҳо Осиёи Марказӣ маҳз дар ҳамин гуна марҳила қарор дорад.***

Пўшида нест, ки дар даҳсолаҳои охир дар ин минтақаҳо баҳсҳои марзӣ, мушкилоти норасоии об, ихтилофи манфиатҳо мушоҳида мегардиданд. Аммо маҳз дар ҳафт-ҳашт соли охир, ба ибораи Президент Шавкат Мирзиёев, дар муносибатҳои байни давлатҳои минтақа «саҳифаи нав кушода шуд». Минтақа аз нав бо мақсади барқарор намудани решаҳои таърихӣ, робитаҳои накўҳамсоягӣ ба ҳам омада, ҷиҳати бунёди ояндаи дурахшон дар фазои сулҳу субот қадамҳои устувор гузошт.

Ҳоло, вақте дар бораи ҳамкорӣ ва ҳамбастагии давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳарф мезанем, дигар аз маҷбурият, фишор ё амалҳои таҳмилӣ сухан намеравад. Баръакс, фазо пур аз озодандешӣ, эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва манфиатҳои равшани муштарак аст.

Мо дар ин мақола кўшидем, ки равандҳои муҳими минтақа ва андешаву ғояҳои дар мақолаи Президенти кишварамон Шавкат Мирзиёев — «Осиёи Марказӣ дар остонаи даври нав» баррасишударо на ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ, балки ҳамчун мулоҳизаҳои воқеӣ дар бораи минтақае, ки дубора эҳё мешавад, аз нигоҳи публитсистӣ бозтоб намоем.

Яке аз муҳимтарин дигаргуниҳо дар минтақа барқарор шудани фазои эътимод миёни кишварҳои ҳамсоя мебошад. Яъне давлатҳо дари дўстиву рафоқатро барои ҳам боз карданд. Аксар хуб дар хотир доранд, ки тўли солҳои 2000-2015 аксари сарҳадҳо баста буданд ва ин барои равуои мардум мушкилоти зиёд ва монеаҳои сунъиро ба бор овард. Ҳатто дар баъзе ноҳияҳо девору хандақҳо қомат кашида, хешовандони наздик аз ҳам ҷудо шуданд ва ҳолатҳое шуд, ки тўли солҳо муштоқи дидори ҳам буданд.

Аз соли 2017 ин воқеият ба таври куллӣ дигар шуд. Деворҳои рамзӣ ва воқеӣ бардошта шуданд ва ҳоло мардуми Ўзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва дигар мамлакатҳои минтақа бо рўҳияи нав – бо табассум, тамкину оромӣ ва эҳсоси ошноӣ аз сарҳадҳо убур мекунанд.

Ҳаллу фасли бисёре аз масъалаҳои марзӣ пас аз чанд даҳсола аз ҷасорати сиёсӣ ва иродаи мустаҳками роҳбарони давлатҳои минтақа шаҳодат медиҳад. Марзҳо имрўз дигар девор нестанд – дарвоза ба ҳамкорӣ ва рушди муштарак мебошанд.

Тавре Президенти мамлакат дар мақола таъкид мекунад, корҳо ҷиҳати боз кардани сарҳадҳои кишварҳо, осон намудани равуои шаҳрвандон ба мамлакатҳои ҳаммарз яке аз дастовардҳои муҳимтарини панҷсолаи охир ба шумор меравад. Воқеан, чунин аст. Марзҳое, ки то дирўз хатарнок ба чашм мерасиданд, ҳоло ба макони тиҷорату зиёрат, сайру саёҳат, ҳатто маркази дўстӣ табдил ёфтаанд. Вақте дар бораи убури марзҳои Ўзбекистон ва Қирғизистон ҳарф мезанем, метавонем бо ифтихор бигўем, ки ҳоло мардуми ин ду давлат бе ҳеҷ тардид, танҳо бо ID-карта метавонанд сарҳади давлатиро убур намоянд, тиҷорат кунанд, меҳмони якдигар шаванд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Нигоҳ*

***Яке аз рўйдодҳои муҳим, ки дар Ҳафтумин машварати Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ рух дод Ҷумҳурии Озарбойҷон ҳамчун узви комилҳуқуқи Машварат шомил гардид ва доираи ҷуғрофии кишварҳои аъзоро васеъ намуд. Бо қабул гардидани Озарбойҷон ба формати фавқуззикр доираи ҳамкориҳои минтақавӣ боз ҳам васеъ мегардад ва нуфузи кишварҳои минтақа ба маротиб боло меравад. Минбаъд формати мазкур дар шакли «Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон» муаррифӣ мешавад ва натиҷаҳои дилхоҳро ба бор меоварад.***

## МАШВАРАТИ САРОНИ ДАВЛАТҲО — РАМЗИ ТАҒЙИРОТ ВА ТАРАҚҚИЁТ

Ба гуфтаи Президенти мамлакат «Қабул гардидани Озарбойҷон дар Вохўрии машварати мазкур ба манфиатҳои халқҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон буда, умумияти таърихӣ, риштаҳои хешутаборӣ ва қаробати маънавию фарҳангӣ имкон медиҳад, ки раванди ҳамкориҳо боз ҳам густариш ёбанд ва пеш раванд».

Мулоқоти машваратӣ уфуқҳои нави густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангию гуманитариро тавсеа бахшида, масъалаҳои бисёрҷонибаи рушди устуворро таъмин месозад. Ин рўйдодро сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон низ бо камоли майл дастгирӣ карда, дастовардҳои солҳои охир дар ин самтро яке аз омилҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманд муаррифӣ намуданд.

Ҷои шодмонист, ки дар солҳои охир бар асоси ҳусни тафоҳуми сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ташаббусҳои неки онҳо масъалаҳои марзӣ ҳаллу фасл гардиданд, ки яке аз онҳо Декларатсияи Хуҷанд мебошад. Он маҳз аз ҷониби се сарвари давлат – Ўзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ба имзо расид ва дар арсаи байналмилалӣ мақоми баланд касб намуд. Ҳамзамон, дар ин авохир байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи обу энергетика ба роҳ монда шуданд, робитаҳои нақлиётӣ барқарор гардида, барои рушди алоқаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ва гуманитарӣ шароити мусоид фароҳам омад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## НАҚШАҲОИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАЪМИНОТИ АҲОЛӢ БО АНГИШТ ДАР МАВСИМИ ТИРАМОҲУ ЗИМИСТОН БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот аз рўйи натиҷаҳое, ки дар соҳаи истихроҷи ангишт ба даст омаданд ва вазифаҳои минбаъда шинос шуд.***

Бо мақсади таъмини бефосилаи хонадонҳои аҳолӣ, муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ ва шабакаҳои иқтисодӣ бо захираҳои барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон, ҳаммонанди дигар бахшҳои энергетика, дар саноати ангишт низ лоиҳаҳои нав татбиқ гардид, иқтидор ва ҳаҷми истеҳсол зиёд карда мешавад.

Дар мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 қариб 8,7 миллион тонна ангишт истихроҷ гардида, ба неругоҳҳои барқу гармидиҳӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ва аҳолӣ расонида шуд.

Дар тақдимот гуфта шуд, ки барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 истеҳсоли 10 миллион тонна ангишт ба нақша гирифта шудааст. Бо ин мақсад, пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбеккўмир» беҳтар гардида, барои фаъолият кардани истеҳсолкунандагони иловагӣ дар соҳа шароити мусоид фароҳам гардид.

Президент аз рўйи таъмини бокафолати аҳолӣ бо ангишт дар давоми мавсим дастурҳо дод.

Зарурияти таҷдиди корхонаҳо ва ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, тавассути рушди тамоюлҳои бозорӣ ва густариши рақобат дар соҳа, поин бурдани арзиши аслии маҳсулот таъкид шуд.

Дар муаррифӣ инчунин масъалаҳои суръатбахшии лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ дар самти уран, тавсеаи доираи ҷустуҷўҳои геологию ҷустуҷўӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**ЎзА.**

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ЭҲЁИ НАВ ДАР ФАЗОИ ДӮСТӢ ВА ЭЪТИМОД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Боз яке аз нишонаҳои равшани даври нав фаъол гардидани бозори дохилиминтақавист. Агар то соли 2017 ҳамкорӣ бештар хусусияти изҳоротӣ дошт, баъд аз он ин раванд ба воқеият табдил ёфт. «Бозори 80-миллионнафарӣ» имрӯз як ҳақиқати корӣ мебошад.

Тавре дар мақола зикр шудааст, тӯли чанд соли охир гардиши савдои минтақавӣ ду маротиба афзудааст. Ин давра роҳҳои гаронбаҳои транзитиро камарзиш кард, шароити ҳамкории корхонаҳои минтақавиро беҳтар намуд, ба деҳқонон имконият дод, ки маҳсулотро бидуни хароҷоти изофӣ ба бозор расонанд.

Таърих нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ танҳо ду маротиба чунин имкониятҳои бузургро дар даст дошт: дар давраи абарқудратҳои қадим ва имрӯз.

Илова бар ин, лоиҳаҳои калони минтақавӣ – аз ҷумла Неругоҳи барқи обии «Қамбарота-1», тарҳҳои обии Зарафшон, НБО-ҳои «Ёвон» ва «Фондарё», роҳҳои нави байналмилалӣ ва корхонаҳои муштарак нишон медиҳанд, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ба сатҳи нави масъулияти сиёсӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои муштарак қадам ниҳодаанд.

Ин лоиҳаҳо на танҳо аҳамияти иқтисодӣ доранд, балки рамзи ҳамгироии маҷмӯӣ ва роҳ кушодан ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ба афзоиши ҳаракати сайёҳии дохилиминтақавӣ низ мусоидат кардааст. Имрӯз сайёҳони тоҷикистонӣ ба Ӯзбекистон, қазоқистонӣ ба Қирғизистон, туркманҳо ба Хива ва қирғизҳо ба минтақаҳои Тоҷикистон, яъне ба мамлакатҳои ҳамдигар бидуни мамоният сафар мекунанд. Агар ба рақамҳои сафари сайёҳҳон диққат кунем, аён мегардад, ки шумораи онҳо торафт меафзояд. Ин раванд аз он далолат медиҳад, ки худи ҷомеа хостгори ҳамгироӣ ҳастанд.

Дар мақолаи Президенти Ӯзбекистон бо далел таъкид мешавад, ки «бе ҳалли масъалаҳои вобаста ба Афғонистон амнияти пойдори минтақа таъмин нахоҳад шуд». Ин ҳақиқат аст. Гарчанд Афғонистон берун аз минтақаи Осиёи Марказӣ аст, вале як ҷузъи табиии он маҳсуб меёбад. Амният дар шароити муосир танҳо бо бастани марзҳо таъмин намешавад: он фақат дар заминаи ҳамоҳангӣ, ҳамкорӣ ва иртиботи иқтисодию иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

Агар муносибатҳо дуруст роҳандозӣ шаванд, тараққиёти Афғонистон ва инкишофи мамлакатҳои ҳамсоя низ имконияте мебошад. Дар мақола гуфта мешавад, ки сохтмони роҳи оҳани Трансафғон, ки Осиёи Марказиро бо мамлакатҳои Ҷануб мепайвандад, хеле муҳим аст. Ин лоиҳа метавонад имкониятҳои ҷиддии савдо, сармоягузорӣ ва рақобатпазириро ба минтақа ворид карда, ба барқарории иқтисодии худи Афғонистон низ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки бехатарӣ дигар танҳо масъалаи низомӣ набуда, имрӯзҳо он амнияти энергетикӣ, ғизоӣ, иқлимӣ, обӣ ва иттилоотиро ҳам фаро мегирад.

Мушкилоти иқлимӣ — аз камшавии захираҳои об то фоҷиаи Баҳри Арал низ яке аз мушкилоти умдаи минтақа боқӣ мемонад, ки аксар давлатҳои Осиёи Марказӣ бо ин муаммо мувоҷеҳ ҳастанд ва танҳо ҳамкории воқеӣ метавонад равандҳои манфии экологиро боздорад.

Дар ин маврид мехоҳем боз ба як нуктаи дигар, ки дар мақола диққати махсус дода шудааст, таваққуф намоем. Бузургтарин сармояи минтақа — ҷавононанд. Президенти Ӯзбекистон ба масъалаву мушкилоти ҷавонон таваҷҷуҳи вижа зоҳир намудааст, ки қобили эътироф аст. Зеро миллате, ки ҷавонони фаъол, заковатманд ва пешқадам дорад, албатта рушд ва қуллаҳои нав ба навро фатҳ мекунад.

Форуми ҷавонони Осиёи Марказӣ, ҳамоишҳои занони роҳбар, барномаҳои донишгоҳӣ ва робитаҳои таълимӣ ба ташаккули ҳувияти нави минтақавӣ мусоидат хоҳанд кард. Дар ин самт, ҳамкориҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, имзои созишномаҳо байни онҳо, намунаи равшани ҳамгироии илмӣ ва таълимӣ мебошад.

Президент дар охири мақола панҷ вазифаи муҳимро муайян менамояд, ки онҳо ҳамчун харитаи роҳи рушди ояндаи минтақа хидмат хоҳанд кард.

Бо як сухан, имрӯз Осиёи Марказӣ дар остонаи эҳё ва рушду тавсеаи нав қарор дорад. Дар ҳар минтақае, ки субот барқарор ва эътимод пойдор аст, рушди устувор ба чашм мерасад. Ҳар ҷомеае, ки ба ҳамсояи худ дасти дӯстиву рафоқатро дароз мекунад, ояндаи дурахшонро ба даст хоҳад овард.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки Осиёи Марказӣ имрӯз ба як минтақаи имконият, нерӯ ва ояндасоз табдил ёфтааст. Ин эҳё танҳо як лоиҳаи сиёсӣ нест. Ин орзуи деринаи мардум, рамзи роҳи озод, осмони кушод ва эҳёи муносибатҳои таърихист. Мардуми минтақа аз нав ба қадри худ ва ҳамдигар расиданд ва итминон дорем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ низ ин иқдоми шоистаро баланд арзёбӣ хоҳанд кард.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**

*Қарор ва иҷро*

# ХУДСАРОНА КОФТАНИ «ҚУДУҚ»-ҲО БОИСИ ҶАВОБГАРӢ МЕШАВАД

Об манбаи зиндагии тамоми мавҷудоти олам, сарчашмаи сабзиши табиат ва асоси пешрафти ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, эҳтиром, сарфакорӣ ва ҳифзи он вазифаи ҳар як фарди ҷомеа ба шумор меравад. Бо вуҷуди зиёд будани захираҳои обӣ дар сайёра, дар бисёр минтақаҳо, аз ҷумла дар кишвари мо — Ӯзбекистон норасоии оби ошомиданӣ то ҳол чун яке аз мушкилоти муҳим боқӣ мондааст.



Хуб медонем, ки норасоии оби тоза ба рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири манфӣ мерасонад. Истифодаи оби шӯр барои кишоварзӣ, ниёзҳои хоҷагии деҳот ва бахши саноат имконнопазир мебошад.

Тибқи маълумоти созмонҳои байналмилалӣ, имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 600 миллион нафар аз норасоии оби тоза азият мекашанд ва солона беш аз 5 миллион нафар аз истеъмоли оби нотоза ба ҳалокат мерасанд. Яъне, камшавии захираи оби тоза ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва кишварҳо, новобаста аз сохтори сиёсиву иқтисодӣ ва вазъи иҷтимоӣ таъсири мустақим мерасонад.

## Дар Хатирчӣ чӣ гуна корҳо амалӣ мешаванд?

Бо мақсади ҳалли мушкилоти аҳолӣ ҷиҳати таъмин бо оби ошомиданӣ дар кишвар аз имкониятҳои мавҷуда пурсамар истифода мешавад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Хатирчии вилояти Навоӣ таъминоти аҳолӣ бо оби тоза беҳтар гардида, заминҳои лалмӣ ба қитъаҳои ободи табдил меёбанд. Ин ташаббусҳо дар асоси қарори Президенти мамлакат аз 1 апрели соли 2025 «Дар бораи татбиқи чораҳои амалии рушди босуръати ҳамаҷонибаи ноҳия (шаҳр)-ҳо, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ интихоб шудаанд» амалӣ мешаванд.

Бар асоси қарори мазкур дар маҳаллаи «Кӯксарой»-и ноҳия баробари таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, дар 300 гектар замини истифоданашаванда боғҳои мева ва ангурзорҳо бунёд мешаванд. Барои ин 10 чоҳи амудӣ кофта шуд, 10 трансформатор насб гардид ва ба масофаи 3270 метр хатҳои барқ кашида шуд.

Ҳамзамон, барои бо об таъмин кардани 370 гектар заминҳое, ки ба шаҳрвандон ба иҷора дода шудаанд, инчунин, истифодаи босамар аз заминҳое, ки обёрӣ мушкил аст, кофтани 15 чоҳи амудӣ, насби 15 трансформатор ва ба масофаи 13 км интиқол додани шабакаи барқ дар назар аст.

Дар 600 гектар чарогоҳҳое, ки ба иҷора дода шудаанд, бунёди боғ, кишти сабзавот ва маҳсулоти полизӣ роҳандозӣ гардида, 30 чоҳи амудӣ, 13 трансформатор ва 51 км хатҳои барқ кашида мешавад.

Тибқи маълумоти Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Навоӣ, то имрӯз дар ноҳияи Хатирчӣ 1 270 гектар замини лалмӣ аз худ карда шуда, дар онҳо боғ, ангурзор ва қитъаҳои полизӣ ташкил хоҳанд шуд.

## Худсарона кофтани чоҳҳоро кӣ назорат мекунад?

Ҳолати кофтани чоҳҳои амудӣ бо мақсади ба даст овардани оби тоза ва кабудизоркунии заминҳои лалмӣ дар ҳамаи ноҳияву шаҳрҳои вилояти Навоӣ ба мушоҳида мерасад. Аз оби аксарияти онҳо самаранок истифода мебаранд.

Ғайр аз ин, дар аксарияти деҳоти дурдасту наздишаҳрӣ ва баъзан дар маркази шаҳрҳо (Нурато, Ғозғон) шахсони инфродӣ бо мақсади таъмини оила ва обёрии замини наздиҳавлӣ чоҳҳои амудиро худсарона мекананд. Ҳар як навоварӣ дар истеҳсолот бо доштани комёбиҳои зиёд ба манфиати фаровонии ҳаёти инсон, ноқисиҳо низ дорад. Аксарият одамон аз онҳо бесамар истифода намуданд, ки ин ба хушкидани чашмаву чоҳҳои обии дастканд оварда расонид.

Бо мақсади пешгирии ин ҳодиса ба тартиби истифодаи обҳои зеризаминӣ тағйирот ворид гардида, барои парма кардани чоҳ ва гирифтани об талаботи нав муқаррар шуд. Дар Ӯзбекистон ва дар заминаи он дар вилояти Навоӣ низ бобати истифодаи захираҳои оби зеризаминӣ тағйироти ҷиддии қонунӣ ворид карда шуданд. Донистани ин санадҳо ва риоя ба онҳо барои ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон зарур аст.

Минбаъд тартиби гирифтан ва истифодаи обҳои зеризаминӣ боз ҳам қатъитар гардида, ҳар як истифодабаранда ӯҳдадор аст, ки ба талаботи қонун пурра риоя кунад. Аз ҷумла, барои пармакунии чоҳи обии зеризаминӣ гирифтани рухсатномаи махсус ва иҷозати мақомоти ваколатдор ҳатмӣ гардид. Риоя накардани ин қоидаҳо ва худсарона пармакунии чоҳҳои зеризаминӣ ва истифодаи онҳо ба таври ғайриқонунӣ боиси ҷавобгарии маъмурӣ мешавад.

Яке аз тағйиротҳои муҳими дигар ба мӯҳлатҳои пардохти маблағ барои қитъаҳои замин дахл дорад. Шахсе, ки дар ихтиёр қитъаи замин дорад, дар мӯҳлати муайян пардохтҳоро анҷом надиҳад, пас аз огоҳии расмии мақомоти ваколатдор, бояд дар мӯҳлати 6 моҳ қарзро пурра бартараф кунад. Агар дар ин муддат қарз пардохт нашавад, ҳуқуқ ба қитъаи замин бекор гардида, замин ба фонди давлатӣ гузаронида мешавад.

Дар ин замина, ба Кодекси андоз низ тағйирот ворид карда шуд, ки назоратро дар самти истифодаи обҳои зеризаминӣ боз ҳам тақвият мебахшад. Акнун, агар аз сарчашмаҳои оби зеризаминӣ бе дастгоҳҳои назорат ва ченак об гирифта шавад, меъёри андоз 5 баробар зиёд ҳисоб карда мешавад. Дар ин қоида истисно низ вуҷуд дорад: агар шахсони воқеӣ барои эҳтиёҷоти шахсӣ ва хоҷагидорӣ дар як шабонарӯз на бештар аз 5 метри мукааб об истеъмол кунанд, ин талабот ба онҳо татбиқ намешавад.

Албатта, ин ҳама тағйирот ба пешгирии истифодаи ғайриқонунии обҳои зеризаминӣ, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об, инчунин таҳкими интизоми молиявӣ дар истифодаи қитъаҳои замин хидмат мекунад. Мақомот таъкид доранд, ки чунин чораҳо ҷиҳати ҳифзи захираҳои зеризаминӣ ва об барои наслҳои оянда аҳамияти калон дорад.

**Ӯзбакбой РАҲМОН,**
**хабарнигори рӯзномаи «Овози тоҷик» дар вилояти Навоӣ.**

# МАШВАРАТИ САРОНИ ДАВЛАТҲО — РАМЗИ ТАҒЙИРОТ ВА ТАРАҚҚИЁТ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ҳар як шаҳрванди кишварамон метавонад ифтихор намояд, ки дар давраи раёсати Ӯзбекистон ба ин ҳамоиши минтақавӣ беш аз 20 чорабинии бузург баргузор шуд, ки ҳар қадом ба манфиати халқҳои минтақа хидмат карда, барои рушди муносибатҳои минтақавӣ нақши сазовор гузошт. Аз ҷумла, бори аввал дар Ӯзбекистон ҷамъомади роҳбарони ниҳодҳои дифоъ, хидматҳои махсус ва инчунин вазирони геология, саноат, кишоварзӣ, экология ва фарҳанг баргузор гардидаанд, ки барои тавсеаи ҳамкориҳо нақши муассир хоҳанд бозид.

Ногуфта намонад, ки дар ин мулоқот роҷеъ ба масъалаҳои мубрами робитаҳои кишварҳои минтақа, дурнамои тавсеаи ҳамкорӣ дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими заминаи муносибатҳои дӯстӣ ва накӯҳамсоягӣ, ҳамчунин, масъалаҳои рушди минбаъдаи фазои фарҳангӣ ва гуманитарӣ низ табодули назар сурат гирифт.

Дар машварати мазкур аз ҷониби Президенти кишварамон Шавкат Мирзиёев як қатор ташаббусҳо ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳамкории минтақавӣ пешниҳод гардид, ки аз формати машваратии муколамаи минтақавӣ ба формати стратегӣ – «Ҷамъияти Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон» табдил додани мулоқоти сарони давлатҳо мебошад. Президенти Ӯзбекистон инчунин ҷиҳати таҳияи Низомнома дар бораи Мулоқоти машваратӣ, таъсиси Котибот ва баланд бардоштани мақоми ҳамоҳангсозони миллӣ то намояндагони махсуси президентҳо пешниҳодҳои мушаххас намуд.

Нуктаи дигаре, ки маро хеле ба ваҷд овард, пешниҳоди Сарвари давлатамон ҷиҳати таъсиси Шӯрои пиронсолон аз ҷумлаи шахсиятҳои маъруфи ҷамъиятӣ ва дорои таҷрибаи ғании ҳаётӣ мебошад. Ин ба он маънист, ки тибқи таомул ва суннатҳои мардуми мо, пиронсолон ҳамеша дар оғози ҳар кор бахри баракати натиҷаҳои он дасти дуо мебардоранд.

Ҳамзамон, Шавкат Мирзиёев ба зарурати расидан ба сатҳи сифатан нави ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ишора кард, ки ин имкон медиҳад, дар пешомади миёнамуддат ҳаҷми савдои мутақобила ва гардиши умумии савдои хориҷиро 1,5-2 баробар афзоиш диҳад. Дар ин замина ислоҳоти ҷиддӣ дар бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ ва сода намудани расмиёти андозу гумрукӣ пеш меояд, ки масъалаи ҳалшаванда мебошад. Сарвари Ӯзбекистон масъалаи таҳия ва қабули «Барномаи фарогири минтақавии ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ то соли 2035»-ро пешниҳод намуд, ки ҷиҳати ҳалли бисёр мушкилиҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар идомаи Вохӯрии ҳафтуми машваратии Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон президентони Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Қирғизистон Садир Ҷапаров, Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Озарбойҷонро ба ин ҳамоиш фоли нек арзёбӣ карданд ва Президент Илҳом Алиевро шодбош гуфтанд.

Гуфта шуд, ки мавқеи ҳамоиши мазкур ҳамчун иштирокдори равандҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ формати муҳимро касб менамояд. Инчунин дар ин замина муносибатҳои байнидавлатӣ таҳким меёбанд ва кишварҳои узв тамосҳои худро бо шарикони хориҷӣ фаъолона пеш мебаранд.

Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори рушди минбаъдаи муколамаи сиёсӣ ва ҳамгироии минтақавӣ дар доираи ҳамин қолаб мебошад. Ин маъниро вай ба ҳамтоёни худ таъкид карда, дар идома аз имзои Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ барои рушди Осиёи Марказӣ ёдовар шуд. Тавре ӯ иброз дошт, ин санад ӯҳдадории муштараки ҷонибҳоро ба пешбурди пайвастаи рӯзнома, ки дар асоси тамоюлҳои шарикии баробарҳуқуқ, эҳтироми ҳамдигарӣ ва эътимод асос ёфтааст, возеҳ тасдиқ менамояд.

Дар ҳақиқат, имрӯз Осиёи Марказӣ ба фазои муколамаи пурсамари дипломатӣ, ташаббусҳои созанда ва ташаккули робитаҳои нави ҳамкорӣ табдил ёфтааст. Гузашта аз ин, минтақаи мо бо иқтидори назаррас маркази рушди тиҷорат, транзит, энергетика, илм ва сайёҳӣ мебошад, ки аз он ҳама баробар манфиат мебинанд.

Илова бар ин роҳбари Тоҷикистон таъкид варзид, ки рушди иқтисодӣ ҳамчун заминаи устувори оянда ба ҳамкорӣ ва навовариҳо вобаста аст. Маҳз дар ин замина, ишора гардид, ки барои рушди ҳамгироии истеҳсолӣ, таҳияи механизми минтақавии ҳамкории саноатӣ, густариши ҳамкорӣ дар бахши энергетика, таҷдиди долонҳои роҳи оҳан, васеъ намудани нақлиёти ҳавоӣ ва омехта, иқдомҳои муштараки созанда басо зарур ва ногузир мебошад.

Ғайр аз ин, нигоҳ доштани амнияти минтақавӣ ба сифати яке аз авлавиятҳои асосии ҳамкорӣ, мубориза бо таҳдидҳои терроризм, экстремизм, идеологияи тундгароӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва қочоқи маводи мухаддир, баланд бардоштани иқтидори сохтор ва идораҳои дахлдор, рушди мунтазами ҳамкорӣ дар соҳаи омодасозии касбии кадрҳо ва коршиносон барои бахши амният, бо назардошти афзоиши таҳдидҳои киберӣ тақвияти чораҳои муштарак бо истифода аз технологияҳои пешрафта аз масъалаҳое буданд, ки дар ҳамоиш ба таври васеъ муҳокима шуданд.

**Масъуди МИРЗО,**
**раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона.**

*Дар кишвари мо рушди соҳибкорӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, хусусан дастгирии ташаббусу баланд бардоштани фаъолии иқтисодии занону духтарон яке аз самтҳои устувори сиёсати давлат мебошад.Бо ин мақсад дар маҳаллаву деҳаҳо лоиҳаҳои гуногун татбиқ гардида, корхонаҳои оилавӣ ташкил карда мешаванд.Барои амалӣ гардондани нақшаҳои тиҷоратӣ ба ҷавонону занон воми имтиёзнок ҷудо мекунанд.*

*Дар асоси чунин ташаббус дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Халифа»-и ноҳияи Олот корхонаи оилавии «Каромат либослари» ба фаъолият оғоз намуд. Корхонаи мазкур таҳти роҳбарии соҳибкор Нуралӣ Ҷӯраев 15 нафар занону духтаронро бо кор таъмин намудааст. Корхона ба дӯхтани либосҳои миллии замонавии занона ихтисосонида шуда, бо сифати хубу тарҳи замонавӣ эътибори харидоронро ба худ ҷалб менамояд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***



*Бехатарии озуқаворӣ*

# ЧОРВОДОРӢ — МУАММОҲО ВА РИВОҶУ РАВНАҚИ ОН

***Маълум аст, ки чорводорӣ яке аз соҳаҳои калидии хоҷагии қишлоқ буда, ҷузъҳои гуногун: аз ҷумла, говпарварӣ, бузу гӯсфандпарварӣ, аспу харгӯшпарварӣ, инчунин моҳипарварӣ, асалпарварӣ ва ғайраро дар бар мегирад.***
***Дар кишвари мо чорводорӣ баъд аз растанипарварӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёту хоҷагии қишлоқ ба шумор меравад. Бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи Президенти кишвар дар «Ӯзбекистони Нав» барои рушди соҳаи чорводорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Президенти мамлакат фармонҳо ва қарорҳои сершумор қабул карданд, ки рушди устувор ва босуръати соҳаи мазкурро таъмин мекунанд.***

Ҳоло дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон беш аз 15 миллион сар моли калони шохдор, қариб 20 миллион сар гӯсфанд, зиёда аз 300 ҳазор сар асп ва 100 миллион сар парранда мавҷуд буда, вилояти Самарқанд дар ин самт яке аз ҷойҳои пешсафро ишғол мекунад. Танҳо дар 1 ҳазору 730 фермаҳои чорводорӣ 121 ҳазору 200 сар моли калони шохдор, 400 ҳазор сар гӯсфанд, 9,5 ҳазор харгӯш ва 6 ҳазор оилаи занбӯри асал парвариш карда мешавад ва сол то сол шумораи онҳо афзоиш меёбад. Дар тӯли солҳои охир аз хориҷи кишвар зотҳои хушсифати серширу сергӯшт, мисли говҳои сурхи эстонӣ, сиёҳало ва бӯри карпатӣ ворид шуданд, ки дар як шабонарӯз 30-40 литр шир медиҳанд. Барзаговҳо то 500-600 кило гӯшт медиҳанд, аз паррандапарварӣ ва моҳипарварӣ низ ҳосили дилхоҳ ба даст меояд.

Гӯсфандпарварӣ низ яке аз соҳаҳои калони чорводорӣ ба ҳисоб рафта, хосатан зотҳои ҳисорӣ ва қароқӯлӣ дар ноҳияҳои Ургут, Қӯшработ, Нуробод ва Самарқанд парвариш мешаванд. Дар наздикӣ онҳо дар озмунҳои вилоятҳои Тошканд, Қашқадарё, Ҷиззах, Бухорои шариф ва Сурхондарё ҷойҳои фахриро сазовор шуданд.

Профессор Х. Юнусов, ректори Донишгоҳи тиббиёти байторӣ, чорводорӣ ва биотехнологияи Самарқанд ба ғолибони озмун мукофотпулӣ супурда таъкид кард, ки соҳаи чорводорӣ бояд рушд ёбад ва он барои таъмини бехатарии озуқаворӣ аҳамияти махсус дорад.

Собиқ раиси хоҷагии ҷамоатии «Гулистон»-и ноҳияи Самарқанд Шоҳмирзо Тӯраев изҳор дошт, ки замоне дар деҳот қариб ҳама бо чорводорӣ машғул буданд ва нархи гӯшт, шир, қаймоқ, ҷурғот ва панир ниҳоят арзон буд. Вале имрӯз нархи озуқаворӣ барои чорводорӣ хеле баланд гардида, аксарияти мардум аз парвариши гову гӯсола даст кашиданд. Аз ин рӯ, як кило гӯшти гов дар Самарқанд 130-140 ҳазор сӯм ва гӯсфанд то 150 ҳазор сӯм арзиш дорад. Мушкилоти дигар кам шудани майдони парвариши чорво мебошад. Барои як сар моли калони шохдор 0,50 сотих замин лозим аст. Афсӯс, ки бо сабаби авҷ гирифтани сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва худсарона ишғол шудани чарогоҳҳо заминҳои обёришаванда кам шуда, чорводорӣ сол то сол коҳиш меёбад. Мо пешниҳод мекунем, ки барои фермерҳои чорводорӣ имтиёзҳои муфид ҷорӣ карда шаванд, то озуқаворӣ бо нархи арзон дастрас бошад.

Ҳукумати мамлакат қабл аз ин механизмҳои ҳимояти чарогоҳ ва истифодаи пурсамари онҳо ҷорӣ карда буд, вале амалан ин тадбирҳо татбиқ намешаванд.

Мушкилоти дигари соҳа он аст, ки хизмати байторӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ нест. Афзоиши бемориҳои гуногуни чорводорӣ на танҳо ҳосилнокии маҳсулотҳои чорво ва паррандаро коҳиш медиҳад, балки хатари гузаштан ба инсонро низ ба бор меорад. Аз ин рӯ, эмгузаронӣ барои чорво ҳатмист. Ҳоло байторҳо бо чорводорон алоқаи мустаҳкам надоранд ва ҳангоми даъват барои нигоҳубини чорво ва парранда беҳафсала ҳастанд.

Тошпӯлод Истамқулов, ки аспparварӣ мекунад, гуфт, ки ин касб аз бобои ҷавони ӯ ва падари бузургвораш меросӣ аст. Дар вилояти Самарқанд зотҳои қаробоҳирӣ, лакайӣ ва қирғизӣ парвариш карда мешаванд ва бештари онҳо дар кӯпкарӣ, яъне бузгирӣ истифода мешаванд. Шахсан ӯ бо фарзандону наберагон аспҳоро парвариш намуда, барои тайёр кардани ҳасиб ва қазӣ ба комбинатҳои Тошканд ирсол мекунанд. Гарчанде хариди озуқаворӣ барои аспparварӣ гарон аст, аммо анъанаҳои бобоиро идома медиҳанд.

Албатта дигар чорводорон, паррандапарварон, соҳиби оилаи занбӯри асал ва дигарон низ муаммоҳои худро зикр кардаанд, ки қисмати онҳоро ба қалам гирифтем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# БОЗ ДАР БОРАИ ТӮЙ

***Дар Ӯзбекистон тӯю маърака, бахусус арӯсӣ аз қадимулайём ҳодисаи муҳими иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба шумор рафта, дар ҳаёти ҷомеаи мо мавқеи махсус дорад. Ин нафақат ҳамбастагиву иттифоқи ду дилдода аст, балки боз ҳодисаест, ки дар худ як қатор урфу одат, анъана ва расму русумро муҷассам менамояд. Солҳои охир нафақат хароҷот ба баргузории чунин хурсандиҳо меафзоянд, балки дар худи мафҳуми институти оила, яъне оиладорӣ тағйирот ба мушоҳида мерасад. Чаро оилаҳо барои баргузории як тӯй, аз ҷумла арӯсӣ ба хароҷоти бузурги молиявӣ роҳ медиҳанд ва он дар ҷамъият ба чӣ гуна оқибатҳо меоварад.***



### Моҳияти тӯй дар фарҳанги Ӯзбекистон

Арӯсӣ дар кишвари мо, нафақат боиси ҳамбастагии ду нафар аст, балки боз воқеае мебошад, ки доираи васеи хешовандону дӯстони оиларо ҷалб менамояд. Ин оини фарҳангӣ танҳо рамзи иттифоқи ду оила нест, балки мавқеи онҳоро дар ҷомеа ошкор месозад. Маъракаи анъанавӣ чун одат бисёр маросимҳо, аз ҷумла интихоби арӯс, хостгорӣ, тайёрӣ, арӯсӣ ва ҷашнҳои минбаъдаро дар бар мегирад.

### Шиддати иҷтимоӣ ва рақобат

Яке аз сабабҳое, ки оилаҳо барои он тайёранд маблағҳои бузургашонро ба баргузории тӯй харҷ кунанд, ин тақозои иҷтимоӣ, табиати маъракаҳои мост. Дар ҷомеаи мо дер боз шакли озмунии тӯй «қабул» гардидааст, ки дар он маблағи барои маърака сарфшуда нишондиҳандаи мақом ва доройи оила пазируфта мешавад. Ин боиси он мегардад, ки аксар навхонадорон ва оилаҳои онҳо дар суру арӯсӣ маблағеро, ки баъзан аз даромади солонаашон бештар аст, сарф мекунанд. Ҷомеае, ки ин оилаҳо дар он зисту зиндагӣ доранд, барои нишон додани мақоми иҷтимоӣ ва орзуи аз дигарон қафо намондан як навъ майдон, намоишгоҳ мегардад, яъне тӯйро ба сабқат ва манбаи рақобат табдил медиҳад.

### Оқибатҳои молиявӣ

Хароҷоти бузург дар тантанаҳои арӯсӣ аксар ҳангом оилаҳоро ба асорати молиявӣ мегузоранд. Бисёр оилаҳо аз пайи орзую ҳаваси тӯйи пурдабдаба шуда барои пӯшондани хароҷоти тӯй қарз мегиранд. Ин боиси қарздорӣ мегардад ва метавонад эътидоли молиявии оиларо барои оянда куллан хароб кунад. Зеро бинобар он ҷавонон моҳиятан ҳаёти муштараки худро бо қарз оғоз мекунанд, ки сабаби норозиҳатӣ ва зиддиятҳои иловагӣ дар муносибати байни онҳо мегардад.

### Тағйироти афзалиятҳо

Тантанаҳои арӯсӣ торафт мураккабтар ва аз ҷиҳати арзиш гаронтар мегарданд, ки боиси тағйироти афзалиятҳо дар ҳаёти навхонадорон мешавад. Бисёр ҷавонон ғояи базми арӯсиро на ба сифати ибтидои ҳаёти муштарак, балки ҳамчун мақсади ниҳоӣ қабул мекунанд. Аз пайи пурдабдаба гузаронидани арӯсӣ шудан бошад, метавонад ҳуввиятҳоеро, ки дар муносибати домоду арӯс воқеан аҳамияти хосса доранд, аз ҷумла муҳаббат, эътиқод ва ҳусни тафоҳумро аз байн бубарад. Ин дар навбати худ, минбаъд ба нохушӣ ва буҳрони ҳаётиояндаи онон сабаб мегардад.

### Афзудани миқдори талоқҳо

Сарфу хароҷоти зиёд ва ғайричашмдошти молиявӣ барои гузаронидани базми ақди никоҳ чун одат муҷиби афзудани зиддият ва мушкилот дар оилаҳо мегарданд ва дар навбати худ ба афзудани миқдори талоқ сабаб мешаванд. Навхонадороне, ки ба ин ҷараёни нохуш афтидаанд, дарк мекунанд, ки онҳо ба ҳаёти воқеии пас аз арӯсӣ тайёрии кофӣ надоштаанд, онро сатҳӣ қабул кардаанд, тамоми диққату эътибори худро, танҳо ба тартибу тарзи гузаронидани базми арӯсӣ ҷалб намудаанд.

### Бо ин чӣ бояд кард?

Яке аз қадамҳои муҳиму устувор дар ҳаллу фасли мушкилоти мазкур ин баланд бардоштани эътибор ба таълиму маърифати суннатҳои оила ва ҳамсарӣ аст. Бидуни шубҳа, сабақи маърифати оиладорӣ нисбати ҳама гуна сур, аз ҷумла арӯсӣ нуқтаи назари тозаро бедор мекунад, навхонадорон воқеияти аслро дарк мекунанд, яъне мефаҳманд, ки хушбахтии воқеӣ ин дар ҳаҷму миқдори хароҷот ва дабдаба нест, балки дар ҳусни тафоҳуми байни онҳост, ба омодагии онҳо ба ҳаёти муштарак вобаста мебошад. Барномаҳое, ки дар муассисаҳои таълимӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ омӯзонида мешаванд, бояд ва зарур аст, ки муносибатро ба идораи оила тағйир диҳанд.

### Дастгирӣ кардани маъракаҳои хоксорона

Дастгирӣ ва тарғибу ташвиқ кардани он ғоя, ки тӯй метавонад хоксорона, вале ҳамзамон аз меҳру муҳаббат ва ҳусни тафоҳуми навхонадорон саршор бошад, зарур аст. Ин метавонад ташаббусҳоеро, ки ба дастгирии шаклҳои камхарҷтари тантанаҳо, бахусус арӯсиҳо нигаронида шудаанд, дар бар гирад. Ҳокимиятҳои маҳаллӣ, матбуот ва дигар расонаҳои ахбор бояд намунаҳои анъанавии тӯйҳои хоксоронаро тарғибу ташвиқ кунанд, дар ин маврид бояд ҳатман таъкид шавад, ки ин хурсандиҳо барои хароҷот не, балки баҳри бахту саодати минбаъдаи ҷавонон мебошад.

### Ташаккул додани шаклҳои нави фарҳанги маъракаҳо

Ҷамъият бояд баҳри ташаккул додани анъанаҳои нави фарҳангӣ, ки ба нигоҳ доштани ҳувиятҳои оилавӣ нигаронида шудаанд, фаъолона кор барад. Инро метавон аз тариқи маданияти оммавӣ, аз ҷумла, кино, мусиқӣ ва адабиёт, ҳамчунин аз тариқи таълиму маърифат ба даст овард. Тағйир додани дарки мафҳуми тӯй ҳамчун расми муҳими фарҳангӣ қадаме дар самти аз байн бардоштани бори молиявии он аз дӯши ҷавонон хоҳад шуд.

### Хулоса

Маданияти тӯй дар Ӯзбекистон қисми муҳими зуҳуроти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ боқӣ мемонад, вале афзудани хароҷот ва талоши обрӯ ҳам барои оилаҳо ва ҳам умуман барои ҷомеа мушкилоти ҷиддӣ фароҳам меоваранд, ки бояд барҳам дода шаванд. Диверсификатсияи нуқтаи назарҳо нисбати тӯй ва дастгирӣ кардани шаклҳои хоксоронаи он метавонад ба нигоҳ доштану ҳифз кардани институти оила кумак расонад. Дарки моҳияти ҳақиқии муносибатҳо, муҳаббат ва ҳусни тафоҳум калиди таҳкими алоқаи навхонадорон ва қаробати онҳо ба ҷомеаи солим аст, ки дар он арӯсӣ анҷоми ҳаёти муштарак не, балки оғози зиндагиву рӯзгори пурмазмун он бояд бошад.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли чоруми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон.**

---

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон бахшида ба муаррифии филми «Туркистон қайғуси», ки дар ҷашнвораи филмҳои ҳуҷҷатии ҷаҳони турк сазовори ҷоиза гардидааст, нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

# МУАРРИФИИ ФИЛМҲОИ МУСТАНАДИ ҒОЛИБ

Дар чорабинӣ раиси Федератсияи байналмилалии журналистони турк Мендерес Демир, шоирону нависандагон, донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ ва намояндагони ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

Дар оғози чорабинӣ суруди миллии ду халқи бародар – ӯзбеку турк садо дод.

«Фестивали филмҳои мустанади ҷаҳони турк» 22-25 октябри соли ҷорӣ дар Анқара баргузор гардид. Дар фестивали мазкур 147 филми мустанад аз кишварҳои туркӣ муаррифӣ шуданд. Филми «Туркистон қайғуси», ки аз ҷониби эҷодкорони шабакаи телевизионии «Маҳалла»-и Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон таҳия шудааст, бо «Ҷоизаи махсуси ҷаҳони турк» сарфароз гардид.

Филм аз ҳаёти пуршарафи олими бузург Алихонтӯра Соғунӣ, ки тамоми умрашро ба роҳи озодии Туркистон бахшидааст, нақл мекунад. Муаллифи филми мустанад журналисти маъруфи телевизион Рӯзибой Қӯлдошев ва коргардон Шарофиддин Тоҷибоев мебошанд.

Дар маросими муаррифӣ муаллиф ва коргардони филм бо «Ҷоизаи махсуси ҷаҳони турк» қадрдонӣ шуданд.

– Халқҳои моро аз азал арзишҳои муштарак, урфу одат ва анъанаҳо, забону фарҳанги якхела ба ҳам мепайвандад, – мегӯяд Мендерес Демир. – Ҳафт миллат – як давлат аст. Қобили зикр аст, ки муаррифии филмҳои ғолиби ҷашнвораи филмҳои мустанади ҷаҳони турк имсол дар ҳар як кишвари туркӣ ҷараён дорад. Аз ҷумла, он дар кишварҳои Озарбойҷон, Қирғизистон, Македония, Қазоқистон ва имрӯз дар Ӯзбекистон баргузор мешавад.

Дар поёни чорабинӣ филми ҳуҷҷатии «Туркистон қайғуси» намоиш дода шуд.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**

---

# МАЪРАКАИ НИҲОЛШИНОНӢ ВУСЪАТ ПАЙДО НАМУДААСТ



Дар лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар ноҳияи Ёзёвони вилоят мардуми зиёд пайравӣ мекунанд. Дар ин чорабинии доманфарох таҳти роҳбарии муовини ҳокими ноҳия Дилмурод Бекмирзоев аъзои ҳафтгонаи маҳаллаҳо, роҳбарону кормандони корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳои мухталифи ноҳия, инчунин собиқадорони меҳнат ва ҷавонон иштирок карданд.

Корҳои асосӣ аз шинонидани ниҳолҳо, кабудизоркунӣ, беҳбуд бахшидан ба вазъи экологӣ ва амсоли он иборат мебошад. Мувофиқи нақша дар ин мавсим 550 ҳазор дарахтони мевадиҳанда ва кӯчату буттаҳои гул мешинонем, - мегӯяд Д. Бекмирзоев.

Вай меафзояд, ки дар чунин кори хайр мардуми 71 маҳаллаи ноҳия фаъолона ширкат менамоянд. Аз ҷумла, сокинони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қаротеппа аллакай аз ин ҳисоб ҳазорҳо бех ниҳолҳои мевадиҳандаву ороишӣ шинонидаанд, ки ба ҳусни кӯчаву хиёбонҳо ҳусни бештар бахшидааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

# МЕГАЛОИҲА ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКИИ 1 МИЛЛИОНУ 700 ҲАЗОР НАФАРРО БЕҲТАР МЕКУНАД

***Дар чанд соли охир дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокии вилояти Сурхондарё бо истифода аз оби обанбори Тӯпаланг», ки аз ҷониби Президенти кишварамон пешниҳод шудааст, шабакаи 246-километраи таъминоти оби нӯшокӣ бунёд гардида, 8 обанбор сохта шудааст.***

Дар марҳалаи аввали лоиҳа тақрибан 135 ҳазор нафар сокинони 35 маҳаллаи ноҳияҳои Сариосиё, Деҳнав, Шерობод ва Қумқӯрғон ба оби тозаи нӯшокӣ, ки аз моддаҳои минералӣ бой аст, дастрас шуданд.

Дар марҳалаи дуюми ин мегалоиҳа таҷҳизоти муосири пармакунии уфуқӣ, ки аз хориҷ ворид шудааст, ба шабакаҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ осеб нарасонда, ба корҳои сохтмонӣ суръат мебахшад.

Дар давраи сипаришудаи соли ҷорӣ 86 ҳазору 400 нафар сокинони 16 маҳаллаи ноҳияи Олтинсой ва 17 маҳаллаи ноҳияи Бандихон ба истеъмоли оби обанбори Тӯпаланг шурӯъ карданд. Илова бар ин, дар фосилаи 200 метр аз хатти асосии оби нӯшокии «Тӯпаланг» хатти иловагии обтаъминкунӣ гузаронида шуд, ки ба шабакаи марказии оби нӯшокии «Хуҷаипок» пайваст шудааст. Ин иқдом таъминоти оби нӯшокии 193 ҳазор истеъмолкунандагонро, ки дар 69 маҳаллаи ноҳияҳои Бандихон, Қизириқ, Шеробод, Ангор ва Музработ зиндагӣ мекунанд, ба таври назаррас беҳтар кард.

Бо истифода аз таҷҳизоти нави пармакунии уфуқӣ, ки аз ҷониби сохтмончиён истифода мешавад, дар зери шоҳроҳи «М-41» гузоштани қубурҳои обгузар амалӣ мегардад.

– Айни ҳол дар доираи лоиҳаи «Тӯпаланг – Тирмиз» гузоштани қубурҳои оби нӯшокӣ ба иншооти обии мо – «Мангузар» бе осеб ба шабакаҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ идома дорад, – гуфт роҳбари хидмати матбуоти ҶС «Сурхондарё сув таъминоти» Алиҷон Диёров. – Ин технология аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид шудааст ва натиҷаҳо хеле хубанд. Қаблан чунин корҳо бо истифода аз экскаваторҳо анҷом дода мешуданд, ки дар натиҷа рӯйпӯши асфалт канда шуда, шабакаҳои зеризаминӣ осеб мебардоштанд. Ин гуна корҳо боиси талафоти иқтисодӣ мешуданд. Афзалияти асосии ин технология дар он аст, ки рӯйпӯши асфалт ва ноқилҳои зеризаминӣ осеб намебинанд. Муҳимтар аз ҳама, ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои серҳаракат маҳдуд намегардад.

Техникаи муосири нав самаранокии корҳоро баланд бардошта, имкони сарфаи вақт ва маблағро фароҳам меорад.

– Таҷҳизот бо компютер муҷаҳҳаз аст, – гуфт муҳандиси ҶММ «Кӯҳна Турон» Исмоил Ҷӯраев. – Ман қаблан бо экскаваторҳо ва дигар техникаи вазнин кор мекардам. Ин техника дар истифода хеле қулай буда, ҳангоми кор одам монда намешавад. Иқтидори истеҳсолии он хеле хуб аст. Масалан, агар қаблан экскаватор дар як рӯз 200-300 метр қубур мегузошт, ин техника метавонад то 800-1000 метр гузорад. Аз ин рӯ, бартариҳои асосии он — сарфакорӣ, каммасрафӣ, таъсир нарасондан ба муҳити зист, мутобиқат ба стандартҳои аврупоӣ ва имкони анҷом додани корҳои заминканӣ бидуни вайрон кардани роҳҳо ва минтақаҳои сабз маҳсуб меёбанд.

Бар асоси маълумотҳо, дар оазиси ҷанубӣ соли 2017 сатҳи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокии марказонидашуда 47,1 фоизро ташкил медод. Имсол ин нишондиҳанда ба 67 фоиз расид. Пас аз анҷоми пурраи мегалоиҳа, яъне то соли нав, таъминоти оби нӯшокии 1 миллиону 700 ҳазор нафар сокинони шаҳри Тирмиз ва 12 ноҳия ба таври куллӣ беҳтар мегардад. Ин иқдом ба пешгирии як қатор бемориҳо мусоидат намуда, сифати зиндагии аҳолиро баланд мебардорад.

**Холмӯъмин МАМАТРАЙИМОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

---

# ҶАМЪОМАД ОИД БА ПЕШГИРИИ ҚОНУНШИКАНИҲО

***Ҷамъомади навбатии «соати ҳокимӣ» бо усули видеоконфронс таҳти роҳбарии ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарифов ба масъалаҳои ҷамъбасти чорабиниҳо оиди пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо, маҳдудсозии ҷиноятҳо байни ҷавонон ва занону духтарон, инчунин таъмини муҳити бехатар дар маҳаллаҳо дар давоми 10 моҳи сипаришудаи соли равон бахшида шуд.***

Дар он ҷонишинони ҳокими вилоят, ҳокимони шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, идораҳои давлатӣ, садоратҳои дахлдор, инчунин намояндагони «ҳафтгона»-и маҳаллаҳо иштирок карданд.

Аввало маълумот доир ба иҷрои корҳо вобаста ба қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 3 январи соли 2025 дар ҳудудҳо шунида шуд. Ҷиноятҳои вазнин ва хеле вазнине, ки дар ҳудуди вилоят сар задааст, таҳлил карда шуда, сабабҳои ба вуқӯъ омадани онҳо омӯхта шуд.

Сарвари садорати корҳои дохилии вилоят оид ба вазъи ҷиноятҳо, сатҳи хатарнокии онҳо ва пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо маълумоти муфассал дод. Аён гардид, ки дар давоми 10 моҳи гузаштаи соли ҷорӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта ҷиноятҳои вазнин ва хеле вазнин кам гардида, дар 312-то (60 фоиз) маҳалла ҷиноятҳо сар назадааст. Дар 174 маҳалла бошад (34 фоиз) миқдори ҷиноятҳо маҳдуд шудааст.

Дар ҷамъомад ҷиноятҳои байни ҷавонон ва занон, қонуншиканиҳои ноболиғон, инчунин ҳолатҳои вобаста ба нашъамандӣ таҳлил ва танқид карда шуд. Сустию масъулиятшиносии роҳбарони баъзе шаҳру ноҳияҳо таъкид гардид. Ҳокими вилоят бобати корбарии бонизом бо ҷавонон, пурзӯр гардондани фаъолияти «ҳафтгонаи маҳалла», ҳамкориҳо бобати таъмини бехатарии ҷамоатӣ, бо кор таъмин кардани аз ҷазо баргаштагон ва ғайра супоришҳо дод.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

---

# ҲАЗОРОН ОИЛА СОҲИБИ ХОНАҲОИ ЗАМОНАВӢ МЕГАРДАНД



Мувофиқи Фармони Президент аз 9 декабри соли 2021 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба сохтмони мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» ва таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо», дар вилояти Сурхондарё мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» бунёд шуда, ҳазорон оила соҳиби хонаҳои замонавӣ мегарданд.

Ҳар як ҳамватане, ки калиди хонаҳои нави худро ба даст мегирад, аз чунинислоҳоте, ки бо мақсади эҳтиром ба арзиши инсон амалӣ мегарданд, изҳори сипос мекунад. Бо ин васила, принсипи некбинонаи «Барои шаъну шарафи инсон» на танҳо дар ҳаёти ҳар як оила, балки дар тарзи зиндагии ҳамватанони мо, ки дар минтақаҳои дурдаст зиндагӣ доранд, низ таҷассум меёбад.

Дар вилоят мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» дар ноҳияҳои Тирмиз, Ҷарқӯрғон, Сариосиё, Бойсун ва Ангор бунёд мешаванд. Афзалияти асосии хонаҳои бисёрошёнаи ин минтақаҳо дар он аст, ки онҳо бо системаи мутамаркази оби нӯшокӣ ва оби партов, таъминоти барқ ва гармидиҳӣ таъмин мешаванд.

Дар маҳаллаи Янгиободи ноҳияи Тирмиз дар доираи мавзеи «Ӯзбекистони Нав» иншооти соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои тиббӣ, ду муассисаи таҳсилоти олӣ бо 1500 ҷой, «Боғи Ӯзбекистони Нав» ва маркази фароғатии «Амфитеатр» бунёд мегарданд. Пас аз кӯч бастани аҳолӣ ба ин маҳалла, хатсайрҳои нави нақлиётӣ барои пайваст кардани он бо маркази шаҳр ба роҳ монда мешаванд. Агар ба қуллаи хонаҳои 12 ва 16-ошёнаи бунёдёбанда бароем, тамоми манзараи ноҳия аз боло мисли кафти даст намоён мешавад.



Дар ноҳияи Тирмиз дар доираи мавзеи «Ӯзбекистони Нав» 2000 хонадон сохта шуда, ҳамин теъдод оила бо манзил таъмин гардид.

Дар айни ҳол, корҳои ороишии дохиливу берунии иншоот идома доранд. Дарояндаи наздик садҳо хонадонҳои дигар низ ба ҷавонон ва оилаҳои нав дода хоҳанд шуд. Хонаҳои 5 ва 9-ошёнаи бунёдшаванда аз 2 ё 3 ҳуҷра иборатанд. Ҳар як хона бо системаи мустақили гармидиҳӣ ва обгармкунӣ таъмин гардида, ин имконият медиҳад, ки ҳарорати хона идора шавад ва истеъмоли энергия то ду маротиба коҳиш ёбад.

Дар маънои воқеӣ, қарор ва фармонҳои давлатӣ на танҳо дар рӯи коғаз, балки дар зиндагии мардум ва тарзи зиндагии онҳо татбиқ мешаванд.

Имрӯз корҳои ободонӣ, ки дар вилояти Сурхондарё амалӣ мегарданд, на танҳо симои меъмориро дигар мекунанд, балки дар дили инсонҳо низ нафаси тоза, рӯҳи нав ва орзуву умедҳои навро бедор месозанд. Зеро зиндагии шоиста аз розигии халқ оғоз меёбад.

**Дар аксҳо:** манзараҳо аз мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав», ки дар вилояти Сурхондарё бунёд мешаванд.

**Суратгир: Ҷонибек ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).**

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ – РАМЗИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

***Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон аз муқаддастарин рамзҳои миллист, ки ҳастии давлат, ҳамҷиҳатии мардум ва анъанаҳои миллӣ дар он таҷассум меёбад. Ҷашни Рӯзи парчами давлатӣ, ки ҳамасола 18 ноябр баргузор мегардад, барои мардум эҳсоси эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ватанпарастӣ ва саҳмгузорӣ ба таърихи давлатдорӣ мебошад.***

Парчам танҳо як рамзи зоҳирӣ не, балки он таърихи чандинҳазорсола дорад. Бафрохтани парчами миллӣ дар рӯзи истиқлол, дар муассисаҳои давлатӣ, дар арсаҳои байналмилалӣ ва маросимҳои миллӣ нишон медиҳад, ки давлату миллат бо боварӣ роҳи рушди худро идома медиҳанд. Ба ҳамин хотир, эҳтиром ба парчам ва риояи меъёрҳои давлатӣ ба як қисми фарҳанги ҷомеа табдил ёфтааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми рамзҳои давлатӣ боз ҳам баланд гардид. Парафшонии парчам бар болои биноҳои давлатӣ, дар майдонҳо ва муассисаҳои таълимӣ ахлоқи ватандӯстӣ ва ҳисси масъулияти шаҳрвандиро тарбия менамояд. Имрӯз он дар баробари нишонаи қудрату рушд, инчунин рамзи сулҳ, ҳамбастагии миллӣ ба ҳисоб меравад.

Маънои амиқи парчам дар он аст, ки ҳар як шаҳрванди кишвар худро дар назди он масъул эҳсос мекунад: масъул барои ҳифзи сулҳу оромӣ, масъул барои инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, масъул барои идомаи роҳе, ки миллат то ба имрӯз расидааст. Парчаме, ки имрӯз дар ҳамаи идораҳо, муассисаҳо ва марказҳои илмиву фарҳангӣ парафшон аст, бозгӯи он мебошад, ки Ўзбекистони соҳибистиқлол ҳамчун давлати мустақил, рӯ ба рушд дар арсаи байналмилалӣ мавқеи устувор пайдо кардааст.

Ҷашни Рӯзи парчами давлатӣ на танҳо як маросими идона, балки як лаҳзаи бозбинӣ ва таҳкими худшиносӣ аст. Дар ин рӯз наслҳои ҷавон аз таърихи рамзҳои миллӣ, аз мардони далеру фарзандони содиқи миллат, ки барои муҳофизати кишвар талош кардаанд, дарси ибрат мегиранд. Ба наслҳо фаҳмонда мешавад, ки ҳифзи парчам – ҳифзи давлат аст ва эҳтиром ба он – эҳтиром ба миллат ва ояндаи он мебошад.

Имрӯз Ўзбекистони азиз таҳти сояи ин парчами муқаддас ба сӯи рушди устувор, якҷоягӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории ҳозира қадам мегузорад. Ҳар як шаҳрванди бонангу номуси кишвар вазифадор аст, ки ин рамзи муқаддасро бо ифтихор ҳифз карда, ба арҷгузории он ҳамчун қисми ҷудонашавандаи худшиносӣ ва ватандӯстӣ муносибат намояд.

Парчами давлатӣ рамзи он аст, ки миллати мо бо ёдоварӣ аз гузаштаи пурифтихор, бо боварӣ зиндагӣ карда, барои ояндаи дурахшон талош мекунад. Ин рамз ҳамеша моро ба сулҳ, садоқат ба Ватан даъват мекунад.

**Шоҳсанам ЙЎЛДОШЕВА,**
**донишҷӯйи Донишкадаи давлатии соҳибкорӣ ва омӯзгории Денов.**



*Ба муносибати 34-солагии қабули Парчами давалтӣ сар то сари кишварамон таҳти шиори «Як Ватан, як халқ, як парчам» марафон баргузор мегардад. Эстафетачиёни байрақ аз шаҳри Мўйноқи Қароқалпоқистон марафонро оғоз намуда, аз кӯчаҳои Хоразми азим гузашта, ба шаҳри куҳану ҳамешаҷавони Бухоро расида омаданд. Вакилони рометанӣ байрақро қабул карда, бо корвони автомобилӣ ба қалъаи Арк оварданд. Саворaҳои Гвардияи миллӣ байрақи давлатамонро аз Арк баровapда дар атрофи ансамбли Манораи Калон, Нодир Девонбегӣ ва Лаби Ҳавз бо ғурур ва фахр давр заданд. Зиёиён, ҷавонон ва иштирокчиёни чорабинӣ ба онҳо ҳамроҳӣ карданд.*

***Суратгир: Тоҳир ИСТАДОВ (ЎзА).***

# ТАБИАТРО ДӮСТ ДОРЕМ...

Табиат китобест, ки ҳар саҳифааш пур аз ҳусну зебоӣ ва саршори панду ҳикмат аст. Вай модари меҳрубонест, ки тамоми мавҷудоти зинда, аз ҷумла инсонро бо обу ҳаво, ғизо ва дигар неъматҳои бебаҳо таъмин мекунад. Аммо инсон, мутаассифона баъзан аз ин меҳрубонии табиат сӯиистифода мекунад, фаромӯш месозад, ки бидуни табиат зиндагӣ ғайриимкон аст. Табиат ба мо танҳо ғизо не, балки боз рӯҳу илҳом ва оромиш мебахшад. Аз ин лиҳоз дар инсон муҳаббат нисбати табиат бояд мисли муҳаббат ба модар бошад, зеро табиат ҳам ҳаётбахш аст.

Аз ҳамин сабаб ҳифзи табиат вазифаи ҳар як шаҳрванди соҳибдилу соҳибмаърифат мебошад. Падару модарон бояд дар фарзондонамон эҳсоси муҳаббат ба табиатро бедор ва подор бикунанд. Инсон бояд аз хурдӣ донад, ки гулро беҳуда набояд канд, обро набояд ифлос кард ва дар маҷмӯъ табиатро бояд ҳифз намуд. Ҳифзи табиат аз шинондани як ниҳол, тоза нигоҳ доштани як ҷӯву як гӯшаи кӯча оғоз меёбад.

Табиат зебост, бояд мо онро доимо тоза нигоҳ дорем. Ҳар як дарахти сабз, ҳар як паррандаи болафшон ва ҳар як қатраи борон хотиррасон мекунанд, ки мо меҳмони ин дунё ҳастем на соҳибаш.

Биёед, табиатро, ҳаётро дӯст дорем, зеро дӯст доштани табиат маънии дӯст доштани ҳаётро дорад. Агар замин поку ҳаво соф ва об тоза бошанд, инсон ҳам ҳамеша хушбахт ва солим зиндагӣ хоҳад кард. Ҳифзи табиат бояд на фақат вазифа, балки амали қарз ва фарзи ҳар як инсон бошад.

**Зулола НЕКМУРОДОВА,**
**донишҷӯйи соли чоруми шуъбаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бухоро.**




## Таэквондочиёни намангонӣ ба натиҷаҳои баланд сазовор гардиданд

*Дар мусобиқаи байналхалқии Г-1 Қатар-Опен –2025, ки 14-17 ноябри соли ҷорӣ дар пойтахти Қатар–Доҳа шуда гузашт, барои шарафи Ўзбекистон дастаи яккачини варзишгарони вилояти Намангон низ иштирок карда, ба натиҷаҳои назаррас соҳиб шуданд.*

*Дар мусобиқаи мазкур аз 48 давлат беш аз ҳазор варзишгарон иштирок кард. Муваффақияти таэквондочиёни намангонӣ дар чунин мусобиқаи бонуфуз сазовори эътироф аст. Ин натиҷаҳо самараи амалии заҳмат, ирода ва истодагарои варзишгарони ҷавони мо инчунин натиҷаи меҳнати пурмашаққат ва фидокории мураббиён низ мебошад.*

***Хидмати матбуоти Садорати варзиши вилояти Наменгон.***

*Таърихи диёрро меомӯзем*

# ЧАНД ДАҚИҚА ДАР ҲУҶРАИ УСТОД АЙНӢ

Банда ҳамчун мухлиси каломи сардафтари адабиёти навини тоҷик – Устод Садриддин Айнӣ борҳо ба зодгоҳи эшон – деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиждувон, инчунин ба деҳаи Маҳаллаи Болои ноҳияи Шофиркон, ки давраи бачагии устод ин ҷо сипарӣ шудааст, сафар кардаам. Дар ин мавзеъҳо бо хешовандони устод шинос шуда, бо ҳамроҳии бонуи сухангӯи телевизиони давлатии вилояти Бухоро Матлуба Одинаева намоише омода намудем. Инчунин, аз Хона-музейи Садриддин Айнӣ, ки дар шаҳри Самарқанд ҷойгир аст, дидан кардам. Соли 1988 ҳангоми такмили ихтисос дар Душанбешаҳр дар Боғи Айнӣ зиёрати қабри устод насиб гардида буд. Аммо зиёрати ҳуҷраи мадрасаи Кӯкалдош, ки чандин соли умри устод дар ин ҷо сипарӣ гардидааст, ба ман муяссар нагардид. Ба дари он ҳуҷра қулфи калоне овезон буду бо хоҳиши кушодани он посух мешунидем: «мумкин нест».

Рӯзе аз телевизиони Тошканд барандаи барномаи «Рангинкамон» Шарофат Эрматова занг зада гуфт, ки «имрӯз ба Бухорои Шариф ба наворгирӣ омадем, бахшида ба қадамҷо ва истиқоматгоҳҳои Устод Айнӣ низ барнома омода менамоем...»

– Оё метавонед ба Лаби Ҳавзи Бухоро биёед? – пурсид ҳамсуҳбатам. Азбаски чанд сол боз орзуи дидани ҳуҷраи Устод Айниро дар дил мепарваридам, гуфтам, ки баъди дусе соат дар он ҷо мешавам. Бо роҳи наздиктарини шаҳр ба ин ҷо омадам. Шаҳре, ки аз ин 46-сол пеш, солҳои донишҷӯиям он ҷо рӯзгор гузаронида будам, тамоман қиёфаи дигар гирифтааст. Дар ҳар қадам симфонияи «зиндагӣ» танин андохта, лафзи дарӣ болу пар мезад. Назди тоқи Телпакфурӯшон нарафта, роҳи автомобилгард тамом шуд. Ноилоҷ мошинамро он ҷо гузошта, то манзил пиёда роҳ гирифтам. Ҳунарҳои асрии Бухорои куҳан дар пеши назари сайёҳон бо ҷилваҳои рангоранг таҷассум меёфтанд...

Дар даромадгоҳи мадрасаи Кӯкалдош бо Шарофат ва дигар кормандони барнома вохӯрда, вориди мадраса шудем. Баъд ба мо толибилмони гурӯҳи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бухоро низ ҳамроҳ шуда, аз ҳуҷраи таърихӣ дидан карданд, ки ин лаҳзаҳо барои онҳо фаромӯшнопазир хоҳад шуд.

Меҳмононро барои дидани ҳуҷраи устод ба қисми шимолӣ-ғарбии мадраса роҳнамоӣ намудам, аммо дар ин ҷо монеаи дигар рӯи кор омад. Барои ба наворгирӣ рухсат лозим шуд ва ҳалли он вақти зиёд гирифт.

Ин ҳуҷраро Шарифҷон Махдум Садри Зиё – падари академик Муҳаммадҷон Шукуров соли 1908 ба Садриддин Айнӣ туҳфа карда буданд. С. Айнӣ дар ин хуҷра даҳ сол зиндагӣ кардааст.

Устодро баъд аз воқеаҳои апрели соли 1917 аз ҳамин ҷо ҷаҳолатпарастонро дастгир карда, 75 дарра мезананд. Пас аз он дар шифохонаи Когон каме шифо ёфта, ба шаҳри Самарқанд мераванд.

Ҳуҷра дар ҳақиқат сазовори туҳфа буд. Тарҳи сохти ҳуҷраҳоро муоина карда, боварӣ ҳосил кардам, ки дониши аҷдодони мо дар соҳаи биносозӣ аз тарҳсозони замони мо кам набудааст. Дар он ҳуҷраҳо барои эҷод кардани як соҳибқаламаи пурмаҳсул тамоми шароит фароҳам будааст.

Аз чаҳор ҳуҷра дутоаш дуқабата буда, баландии онҳо тақрибан панҷ метрро ташкил медиҳад. Дар қабати поёнии хонаи аввал ашёи рӯзгор нигаҳдорӣ мешуд ва қабати дуюм, ки сандалӣ дошт, вазифаи ошхонаро иҷро мекард. Оташдони муъҷази он чунон моҳирона ҷойгир шудааст, ки вақти хӯрокпазӣ дуди он ба хона паҳн намешуд.

Утоқи дуюм низ дуқабата буда, қабати поён ҳаммом ва болои он меҳмонхона будааст. Ҳуҷраҳои сеюм ва чорум ҳоло чун осорхона истифода мешаванд. Дар ин ҷо асарҳои устод гузошта шудаанд. Хуб мешуд, агар ба осорхона нусхаҳои асарҳои устод, ки ба чандин забон тарҷума шудаанд низ илова мешуданд. Он гоҳ бойгонии осорхона ғанитар гардида, хидматҳои Устод Садриддин Айнӣ барои тоҷикону дигар халқҳои таҳҷоӣ ва хусусан тасвири ҳаёти асри гузаштаи аҳли Бухоро боз аёнтар мешуд.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
**ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.**

***Мо дар асри XXI зиндагӣ дорем. Инсоният аз дастовардҳои пешрафтаи илму техника ва технологияҳои замонавӣ истифода мебарад. Бо вуҷуди ин, пизишкон аз он изҳори нигаронӣ мекунанд, ки бархе аз шаҳрвандон ҳангоми бемор шудан ба таври худсарона дору мехаранд ва бе тавсияи табиб табобат мегиранд. Аксар вақт ин доруҳо антибиотикҳо мебошанд, ки метавонанд ба саломатии инсон зарари ҷиддӣ расонанд.***

# АНТИБИОТИКҲОРО ХУДСАРОНА ИСТИФОДА НАБАРЕД!

Ин масъала аз мадди назари Президенти мамлакат низ дур намондааст. Роҳбари давлат зимни мулоқот бо кормандони соҳаи тиб ва фармасевтика, ки 10 ноябр дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тошканд баргузор гардид, таъкид намуд, ки то ҳол ба шаҳрвандон, махсусан кӯдакон, антибиотикҳо бе назорати кофӣ тавсия дода мешаванд.

Ин нигарониҳо дар суҳбат бо мутахассисони соҳа низ такрор ёфт. Онҳо таъкид мекунанд, ки истифодаи худсаронаи антибиотикҳо метавонад паёмадҳои ногувор ба бор орад ва даст кашидан аз истифодаи нодурусти онҳо аҳамияти махсус дорад.

— Барои баъзе одамон фарҳанги тиббӣ намерасад. Ба ҷойи он ки ҳангоми шамолхӯрӣ ба духтур муроҷиат кунанд, антибиотикҳои қавӣ истеъмол мекунанд. Бисёре намедонанд, ки антибиотикҳо на танҳо бактерияҳои зараровар, балки бактерияҳои фоиданоки баданро низ нобуд месозанд. Имрӯз шумори истеъмолкунандагони худсаронаи антибиотикҳо рӯ ба афзоиш дорад, ки ин боиси нигарониҳои ҷиддист, — мегӯяд пизишки бемористони марказии ноҳияи Сӯх Меҳрубон Болтаев.

Ба гуфтаи ӯ, антибиотикҳо моддаҳои органикӣ буда, танҳо зидди бактерияҳо таъсир доранд. Аз ин рӯ, харидорӣ ва истеъмоли онҳо бояд танҳо бо тавсияи мутахассис сурат гирад.

— Дар таҷрибаи беш аз 25-солаам мушоҳида кардам, ки таъсири ҳар дору ба ҳар бемор яксон нест. Бисёр вақт антибиотикҳо ба ҷойи фоида зарар мерасонанд. Узви инсон дар бисёре аз ҳолатҳо худ зидди беморӣ мубориза мебарад ва бемор метавонад ҳатто бе антибиотик сиҳат шавад. Ҳатто хӯрокҳои табиӣ дар баъзе ҳолатҳо чун дору таъсир мекунанд — инро зиндагӣ собит намудааст, — иброз медорад М. Болтаев.

Ӯ пенитсиллин, ампитсиллин, сефтраксон, сефазолин ва дигарҳоро аз зумраи антибиотикҳое ном мебарад, ки дар ҳолатҳои шамолхӯрӣ бештар тавсия мешаванд.

— Аммо набояд фаромӯш кард, ки антибиотикҳо иммунитетро паст мекунанд, микрофлораи рӯдаро вайрон месозанд, метавонанд ба ҷигар ва гурда осеб расонанд, дарунравӣ ба вуҷуд оваранд ва ҳатто ба гӯш таъсир расонда, ба каршавӣ сабаб гардад. Барои ҳамин пеш аз истеъмоли ҳар гуна дору одам бояд аз муоинаи тиббӣ гузарад ва бо тавсияи ходимони тиб ба истеъмоли дору пардозад,-мегӯяд Меҳрубон Болтаев.

Мутахассисон таъкид мекунанд, ки агар бемор ба сироятҳои вирусӣ, аз ҷумла зуком, гирифтор шуда бошад, антибиотикҳо ҳеҷ гуна таъсир надоранд. Танҳо дар ҳолатҳои бемориҳои бактериявӣ — монанди тонзиллит ё илтиҳоби шуш — истифодаи онҳо асоснок аст.

Дарвоқеъ, мутахассисон бар онанд, ки кашфи антибиотикҳо ҳодисаи ғайриоддист ва барои барқарор намудани саломатии инсонҳои зиёд аз онҳо истифода бурда мешавад. Вале агар аз як тараф хатари истифодаи нодурусти онҳо вуҷуд дошта бошад, аз тарафи дигар, вобастагӣ ба антибиотикҳо низ ба ҷони инсон хатар эҷод мекунад. Ин маънои онро дорад, ки узви инсонро ба истеъмоли пайвастаи ин ё он антибиотик одат кунонидан ҷоиз нест.

Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, антибиотикҳо метавонанд боиси пайдо шудани доғҳои пӯст, захмҳо, анафилаксия ва ҳатто марг шаванд. Таъкид мегардад, ки дар бадани инсон миқдори муайяни сироятҳои бактериявӣ, вирусӣ ва замбӯруғӣ мавҷуданд ва ҳар кадом вазифаи муайянеро иҷро мекунанд. Бактерияҳо дар рӯдаҳои инсон ба ҳазм ва шикастани хӯрок мусоидат мекунанд ва витаминҳои зарурирo дар бадан синтез мекунанд. Агар антибиотик ба бадан ворид гардад, ба узвҳои илтиҳобӣ таъсири сахт мерасонад ва дар баробари он бактерияҳои муҳимеро, ки дар узвҳои ҳозима фаъол мебошанд, нобуд месозад.

Барои он ки одамон аз истифодаи нодурусти антибиотикҳо канораҷӯӣ кунанд, ба чанд омил бояд аҳамият дод. Агар бемор барои беҳбуди саломатӣ аз антибиотики қавӣ истифода барад, мумкин аст қисми зиёди бактерияҳои нолозим нобуд шаванд, вале қисми дигар ба бадан мутобиқ мешаванд. Дар он сурат барои рафъи онҳо доруи боз ҳам қавитар лозим мегардад.

Ин ҷо овардани ин байтҳо хеле ҷоиз аст:

*Аз қаъри гили сияҳ то авҷи Зуҳал,*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.*
*Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал...*

Муаллифи ин шоҳбайтҳо Абӯалӣ ибни Сино — шахсияти маъруф, ки осори ӯ дар донишгоҳҳои тиббии ҷаҳон тадрис мешаванд. Ӯ таъкид кардааст, ки барои инсон аз саломатӣ чизе муҳимтар нест. Инсон бояд барои ҳифзи саломатии худ ҳамеша талош варзад ва худро аз бемориҳо эмин нигоҳ дорад. Аммо на ҳама ба гуфтаҳои Шайхурраис амал мекунанд ва дар ҳифзи саломатӣ камаҳамиятӣ зоҳир менамоянд. Истифодаи бемавқеи антибиотикҳо дар замони муосир боис мегардад, ки ба ҷойи барқарор кардани саломатӣ ба инсон зарар расонанд.

Ба гуфтаи Султоналӣ Боййигитов, пизишки шифохонаи бемориҳои сироятии вилояти Фарғона, антибиотикҳо бар зидди бактерияҳо равона мешаванд. Аммо дар бадани инсон супермикробҳое низ мавҷуданд, ки ба антибиотикҳо муқовимат нишон медиҳанд.

— Ин ҳолат вақте маълум мешавад, ки бо вуҷуди ворид кардани дору ба бадан ҳеҷ натиҷа ба даст намеояд. Супермикробҳои ба доруҳо тобовар афзоиш меёбанд ва ҳатто аз насл ба насл мегузаранд. Барои ҳамин одамон бояд аз истеъмоли худсаронаи антибиотикҳо канораҷӯӣ кунанд ва роҳҳои дигари муолиҷаро аз мутахассисон биомӯзанд. Мутаассифона, назорати фурӯши антибиотикҳо пурра дар дасти пизишкон нест ва ин боис мегардад, ки истеъмоли худсаронаи онҳо зиёд шуда, саломатии мардумро зери хатар гузорад, — мегӯяд Ш. Холбобоев.

Ӯ меафзояд, ки ин масъала аз тарафи Президенти мамлакат дар сатҳи ҷумҳурӣ бардошта шуд ва зарур аст, ки бо усулҳои гуногун мутахассисони соҳаи тиб мардумро аз вобастагӣ ба антибиотикҳо раҳо кунанд. Баъди интиқоди сарвари давлат Вазорати тандурустӣ муваззаф мегардад, ки назорати харидуфурӯши антибиотикҳоро бо қатъият пурзӯр кунад. Дар ин сурат метавон ба натиҷаҳои мусбат умед баст.

— Дар бисёр маврид ин масъала ҳамчун муаммои миллӣ арзёбӣ мешавад ва ин бесабаб нест. Зеро дар баъзе ҳолатҳо худи табибон низ ба далели эҳсоси нокифояи масъулият ба беморон доруҳои гуногун, аз ҷумла антибиотикҳо тавсия медиҳанд. Аз ин рӯ назорат тақвият меёбад ва масъулияти пизишкон чандин маротиба бештар хоҳад шуд, — мегӯяд Султоналӣ Боййигитов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 3684. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.